## ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-034 дар назди Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров оид ба диссертатсияи Мирсабуров Шавкатҷон Мираҳматович дар мавзӯи «Флора ва экологияи обсабзҳои сабзи (Chlorophyta) ҳавзаҳои обии Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 – Ботаника**

Комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-034 дар назди Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, ки аз 2-юми марти соли 2022 №88/ ш.д. тасдиқ шудааст, дар ҳайати раис– доктори илмҳои биологӣ, профессор Мирзораҳимов А.К.; ва аъзоёни комиссия – номзади илмҳои биологӣ, дотсент, Тӯрақулов И., номзади илмҳои биологӣ, дотсент, Валламатова С., дар асоси қарори Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-034 мувофиқи талаботи фасли 4-уми Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) тасдиқ гардидааст, ташкил карда шуд.

Комиссия дар асоси шинос шудан бо рисолаи номзадии Мирсабуров Шавкатҷон Мираҳматович дар мавзӯи «Флора ва экологияи обсабзҳои сабзи (Chlorophyta) ҳавзаҳои обии Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 – Ботаника ва муҳокимаи он чунин хулоса намуд, ки он дар поён оварда шудааст.

Мавзуи диссертатсионии Мирсабуров Ш.М., ки таҳқиқи таркиб, гуногунӣ, хусусиятҳои биологӣ, экологӣ, индикаторӣ, тағйирёбии мавсимӣ ва паҳншавии обсабзҳои сабзи Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшонро фаро мегирад, аҳамияти махсуси илмиву амалиро касб кардааст. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ нуктаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шуданд, ки онҳо ба омӯзиши алгофлораи обсабзҳои сабзи Тоҷикистон ва Осиёи Марказӣ имкон фароҳам оварда, дар коркарди чорабиниҳои оид ба муҳофизати гуногунии биологӣ дар ҷумҳурӣ, инчунин, зинаҳои гуногуни таълим ҷиҳати тадриси илмии алгология (обсабзшиносӣ) барои донишҷӯён мавриди истифода қарор хоҳад шуд.

Рисола аз муқаддима, 5 боб, хулоса, тавсияҳои амалӣ ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат буда, дар ҳаҷми 145 саҳифаи чопи компютерӣ таҳия шудааст. Дар рисола 13 расм, 21 ҷадвал ва як замима ҷой дода шудаанд. Рӯйхати адабиёт 138 манбаъро дар бар мегирад, ки 12 манбаъ бо забонҳои хориҷӣ мебошанд.

**Мақсади таҳқиқот.** Омӯзиш ва муайян намудани хусусиятҳои экологӣ, таснифотӣ, флоравӣ ва паҳншавии обсабзҳои сабзи Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон.

**Навгонии илмии рисола.** Дар рисола нахустин маротиба обсабзҳои сабз (Chlorophyta)-и ҳавзаҳои обии Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон омӯхта шуда, гуногунии биологӣ, таркиб ва сохтори алгофлораи онҳо пешниҳод карда шудааст. Рӯйхати умумии обсабзҳои сабзи Тоҷикистони Шимолӣ тартиб дода шуда, таснифоти онҳо муайян гардид, ки 195 намуд ва зернамудро дар бар мегиранд. Аз ин шумора 31 намуд ва зернамудашон бори аввал дар ҳудуди Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон ва 12 намуд ва 6 зернамуд ҳамчун бозёфтҳои нави флоравӣ барои Тоҷикистон ба қайд гирифта шудаанд.

Ҳамчунин маълумотҳо доир ба гуногуннамудӣ, таркиби систематикӣ ва паҳншавии обсабзҳои сабзи Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон ба таври пурра пешниҳод шуда, таҳлили ботафсили монандӣ ва фарқиятҳо дар таркиби алгофлораи минтақаи таҳқиқот ва паҳншавии экологии намудҳо муайян карда шудааст. Илова бар ин, аввалин маротиба таҳлили муқоисавии обсабзҳои сабзи Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон гузаронида шуда, 53 намуди обсабзҳои индикаторӣ, ки бо тарзи биологӣ (биоиндикатсия) муайян кардани ҳолати санитарии обҳои Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон аҳамияти илмӣ доранд, муайян карда шуд.

**Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот.** Натиҷаи ин таҳқиқот барои муайян намудани гуногунии биологии обсабзҳои сабз (Chlorophyta)-и Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон ва таснифи онҳо аҳамияти илмиву амалӣ дорад. Мундариҷаи рисола оид ба шинохти гуногунии таркиби обсабзҳои сабзи минтақаи таҳқиқотӣ заминаи мусоид фароҳам меоварад.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот ба омӯзиши алгофлораи обсабзҳои сабзи Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон имкон фароҳам оварда дар зинаҳои гуногуни таълим ҷиҳати тадриси илми алгология (обсабзшиносӣ) барои донишҷӯён мавриди истифода қарор хоҳад гирифт.

Истифодаи маълумотҳои ба дастомада дар муайян намудани флораи обсабзҳои сабзи Тоҷикистон ва минтақаҳои Осиёи Марказӣ аҳамияти махсус дорад.

**Саҳеҳият ва эътимоднокии натиҷаҳои** ба даст омада ин интихоби дурусти усулҳои умумиқабулшудаи муосири таҳқиқоти саҳроӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, таҳлилу хулосаҳои бобу бандҳо ва тавсияҳои амалии муаллиф ба аҳамияти амалӣ доштани мавзуъ далолат медиҳад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Вазифа ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи диссертатсия ба рамзи ихтисоси 03.02.01 - Ботаника мутобиқат намуда, натиҷаи таҳқиқотҳои гузаронидашуда ба якчанд банди шиносномаи ихтисоси 03.02.01 – Ботаника мутобиқат мекунад:

Банди 1. Масъалаҳои назариявии пайдоиш ва инкишофи олами набатот, гуногунӣ, таснифот ва номгӯи гурӯҳҳои гуногуни растаниҳо ва оилаи растаниҳо.

Банди 2. Сохти организми растаниҳо, афзоиш ва инкишофи онҳо, асоси фаъолияти ҳаётӣ, мутобиқат ба шароити муҳити атроф ва ҳамзистӣ.

Банди 4. Масъалаҳои назариявӣ ва амалии паҳншавии географии организми растаниҳо, вижагиҳои паҳншавии муосир ва гузаштаи намудҳои растаниҳо ва наботот, ноҳиябандӣ ва харитакунонии растаниҳо ҳамчун яке аз захираҳои таҷдидшаванда.

Банди 5. Робитаҳо бо муҳити сабзиши намудҳо, гурӯҳҳои экологӣ, шаклҳои ҳаётӣ ва оилаи растаниҳо, шохискунонии ҳолати муҳити атроф бо ёрии растаниҳо.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Рисолаи мазкур таҳқиқоти мустақилона буда, муаллифи он дар ҷустуҷӯ, таҳлили адабиёт, истифодаи усулҳои таҳқиқот, ба даст овардан ва коркарди ҳамаи маводҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, таҳлилу хулосабарорӣ ва навиштани рисола саҳми комил дорад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти унвонҷӯ дар 7 конференсияи байналмилаливу ҷумҳуриявӣ ва 2 конференцияи кормандон ва ҳайати профессорон-омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров пешниҳод гардидаанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси ҳудро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

**Интишороти натиҷаи рисолаи номзадӣ.** Доир ба маводҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ 9 кор, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷалаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст.

Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягона мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои навгони илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда сахми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионии Мирсабуров Ш.М., истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи

сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровардa шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37-и Тартиботи додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳи медиҳад.

Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳод намудаи Мирсабуров Ш.М. маълумоти ғайрисаҳеҳ нест.

Банди 53-и Низомномаи Шӯрои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

Диссертатсияи Мирсабуров Ш.М. дар мавзӯи «Флора ва экологияи обсабзҳои сабзи (Chlorophyta) ҳавзаҳои обии Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01-Ботаника дар Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-034 дар назди Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров барои ҳимоя қабул карда шавад.

Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъйин карда шавад:

1. Наврузшоев Довутшо, доктори илмҳои биологӣ, сарходими илмии Институти биологии Помири АМИТ ба номи академик Х.Ю. Юсуфбеков;

2. Бобораҷабов Бобохон - доктори илмҳои биологӣ, дотсенти кафедраи ботаникаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар кафедраи ботаникаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъйин карда мешавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимоя ва ҷойгир намудани диссертатсия ва авторефират дар сомонаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳури Тоҷикистон иҷозат дода шавад

5. Барои чопи автореферат бо ҳукми дастнавис иҷозат дода шавад

**Раиси комиссия:**

**д.и.б., профессор** **А.К. Мизорахимов**

**аъзои комиссия:**

**н.и.б., дотсент** **И. Тӯракулов**

**н.и.б., дотсент** **С. Валламатова**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС